АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ КИШОВАРЗИИ ТОҶИКИСТОН
ИНСТИТУТИ ТИББИ ВЕТЕРИНАРӢ

Бо ҳуқуқи дастнавис

ТДУ: 619:616.1(575.3)
ТКБ: 48+48.7 (2 тоҷик)
Ш-32

ШАРИПОВ РУСТАМ МИРАЛИЕВИЧ

НАҚШИ БРУТСЕЛЛАҲО, САЛМОНЕЛЛАҲО ВА КОККҲО ДАР ПАҲНШАВИИ БЕМОРИҲОИ СИРОЯТИИ ҲАЙВОНОТ ДАР ТОҶИКИСТОН

АВТОРЕФЕРАТИ
диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии
номзади илмҳои ветеринарӣ

аз рӯйи ихтисоси
06.02.02 - Микробиологияи ветеринарӣ, вирусшиносӣ, эпизоотология, занбурӯғшиносӣ бо захрзанбурӯғшиносӣ, масъуниятшиносӣ

Душанбе – 2025

Кор дар Институти тибби ветеринарии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон иҷро шудааст.

Роҳбари илмӣ: **Назруллозода Сулаймон Ҳабиб** - номзади илмҳои ветеринарӣ, муовини директор оид ба илм, таълим ва тайёр кардани кадрҳои илмии Институти тибби ветеринарии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон.

Мушовири илмӣ:

[Мирзоев Давлатали Мирзоевич] - академики АИКТ, доктори илмҳои ветеринарӣ, профессор

Муқарризони расмӣ: **Саторов Саидбег** – доктори илмҳои тиб, профессор, профессори кафедраи микробиология, вирусология ва иммунологияи Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон.

Иматшоев Имматшо Холдорович - номзади илмҳои ветеринарӣ, мудири кафедраи беҳдошти ветеринарии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур.

Муассисаи пешбар: Институти масоили амнияти биологӣ ва биотехнологияи Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон

Ҳимояи рисолаи илмӣ санаи “14” октябри соли 2025, соати 10:00 дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.KOA-039 дар назди Институти тибби ветеринарии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон баргузор мегардад.

Нишонӣ: 734005, ш. Душанбе, кӯчаи А. Қаҳҳоров 43 тел: (+992) 37 2275192.

Бо рисола ва автореферати он дар китобхонаи Институти тибби ветеринарии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, дар сомонаи интернетии институт www.instveterinari.tj ва ҳамчунин дар сомонаи расмии КОА назди Президенти ҶТ шинос шудан мумкин аст.

Автореферат “___” _____, соли 2025 ирсол гардид.

Котиби илмии
Шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои ветеринарӣ Ҳасанов Ф.Д.

Муқаддима

Мубрамии мавзӯи тадқиқот. Чорводорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҶТ) амнияти озуқавориро тавассути истеҳсоли шир ва гӯшт таъмин намуда, дар соҳаи кишоварзӣ нақши калидӣ дорад. Мувофиқи маълумоти Созмони умумиҷаҳонии тандурустӣ (СУТ), тақрибан 60% патогенҳои сироятӣ дар одамон аз ҳайвонот интиқол меёбанд ва 75% онҳо боиси сироятҳои зуд-зуд рухдиҳанда ё музмин мешаванд [17, 63, 64, 65, 80, 93]. Дар кишвар чунин бемориҳо, аз қабили брутселлёз, салмонеллёз ва стафилококкоз маъмуланд [63, 64, 65, 80].

Барои нигоҳ доштани рушди устувори соҳа нигоҳ доштан ва зиёд кардани саршумори чорво, инчунин зиёд намудани ҳаҷми истеҳсолот дар ҷавоб ба талаботи рӯзафзуни аҳолӣ муҳим мебошад. Аммо вақтҳои охир мушкилоте, ки бо марги оммавии ҳайвонот ва зарурати забҳи онҳо аз сабаби эпизоотияҳо боис мегардад, нигоҳ доштани маҳсулнокии баланди чорводориро душвор мегардонад [28, 37, 42, 63].

Маҳсулоти ҳайвонот дар этиологияи бемориҳои сироятӣ аҳамияти калидӣ дорад. Барои пешгирии сирояти зоонозҳо тавассути маҳсулоти сироятнок сифати ширро мунтазам назорат кардан лозим аст, зеро истеҳсоли маҳсулоти ширии бехатар ва аз ҷиҳати биологӣ мукаммал аз ин вобастагӣ дорад [63, 64, 65, 81].

Дар кишвари мо чорводории ширӣ дар солҳои охир инкишоф меёбад, аз ҷумла дар соли 2023 1358947 сар ва соли 2024 то 1436246 сар модагов парвариш шудаанд.

Муайян кардани роҳи равандҳои имконпазир, ки ба зиёдшавии микроорганизмҳо дар шир мусоидат мекунанд, вазифаи муҳимми амалии саноати шир мебошад. Бисёр намуди микроорганизмҳо ширро сироятнок мекунанд, ки ин барои зиёдшавӣ ва мавҷудияти онҳо муҳити мусоид мебошад. Дар натиҷа, дар шароити муайян маҳсулоти ширӣ метавонад боиси захролудшавии ғизо ва сироятҳои зоонозӣ дар одамон гардад [4, 13, 18, 25, 26, 34].

Шири чорвои гирифтори бемориҳои сироятӣ метавонад манбаи сироят бошад, ҳатто дар 1 мл шири тару тоза аз даҳ то панҷсад ҳазор микроорганизмҳо мавҷуданд. Ҳарчанд шири говҳои солим метавонад тақрибан 10 ВКС/мл дошта бошад, аммо ҳангоми вайрон кардани реҷаи коркард, нигоҳдорӣ ва интиқоли маҳсулоти ширӣ шумораи микроорганизмҳои патогенӣ дар шир метавонад якчанд маротиба зиёд шавад [66,67,68, 80, 84].

Дараҷаи коркади илмии проблемаи мавриди омӯзиш. Мушкилоти марбут ба брутселлаҳо, салмонеллаҳо ва коккҳо дар хоҷагиҳои чорводорӣ ва маҳсулоти чорво дар ҶТ ба қадри кофӣ омӯхта нашудааст ва ин мушкилот аксар вақт ба зарари калони иқтисодӣ оварда мерасонанд.

Хатари паҳншавии бемориҳои сироятии зоонозӣ дар байни ҳайвонот дар ҶТ, инчунин истеъмоли маҳсулоти ширӣ метавонад боиси бемориҳои инсон гардад. Сироятҳои асосии зоонозӣ, ки аксар вақт ҳамчун сироятҳои омехта пайдо мешаванд, брутселлёз, салмонеллёз, сироятҳои стафилококк ва стрептококкро дар бар мегиранд. Одам метавонад бо истеъмоли шири хоми ҳайвоноти бемор ба ин сироятҳо гирифтор шавад. Таҳқиқи дараҷаи сироятнок шудани шири хоме, ки дар фермаҳои ширию молии ҶТ бинобар риоя накардани технологияи ширдӯшӣ ва қоидаҳои нигаҳдории шир пайдо мешавад, муҳим аст, зеро ин метавонад боиси гирифтории одамон ба бемориҳо гардад.

Ҳамин тариқ, ташхис ва муайян кардани барангезандаҳои бемориҳои зоонозӣ дар байни ҳайвонот, инчунин муайян кардани патогенҳо дар шир бо мақсади амалӣ намудани тадбирҳои зиддиэпизоотӣ ва пешгирии паҳншавии бемориҳои зоонозӣ масъалаи мубрам мебошад.

Робитаи тадқиқот бо барномаҳои (лоиҳаи) мавзуи илмӣ. Тадқиқоти илмӣ дар пойгоҳи Институти тибби ветеринарии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, дар озмоишгоҳҳои бемориҳои бактериявӣ ва зоонозҳо, вирусология, бехатарии озуқаворӣ ва экология тибқи нақшаи корҳои илмӣ - тадқиқотӣ дар мавзуъҳои

«Ташхиси маҷмӯӣ ва такмили усулҳои мушаххаси пешгирии брутселлёзи ҳайвонот» №0116TJ00506 (2016-2020), «Омӯзиши вазъи эпизотологию эпидемиологӣ ва такмили усулҳои ташхис ва пешгирии брутселлёзи ҳайвоноти кишоварзӣ» № 0121TҶ1075 (2021-2025), «Такмил ва татбиқи усулҳои самараноки назорати ветеринарию санитарӣ ва бехатарии озуқаворӣ» № 0116TҶ00509 (2016-2020) ва «Омӯзиши вазъи эпизоотӣ оид ба бемориҳои омехтаи сироятӣ ва инвазионии чорвои хурди кишоварзӣ ва такмили усулҳои самараноки мубориза бар зидди онҳо» № 0116TJ00508 (2016-2020) иҷро гардидааст.

Қобили зикр аст, ки дар асоси Лоиҳаи Фонди Президентии тадқиқоти бунёдӣ ва амалӣ барои солҳои 2022-2023 лоиҳаи «Тарҳрезии усора ва малҳам барои пешгирӣ ва табобати бемориҳои сироятии мастити чорвои кишоварзӣ» амалӣ карда шуд ва мо ҷиҳати фароҳам гардидани шароити мусоиди таҳқиқу пажӯҳиш тавассути фонди мазкур ба Ҳукумати Ҷумурии Тоҷикистон, ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон изҳори миннатдорӣ байён менамоем.

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАДҚИҚОТ

Мақсади тадқиқот омӯзиши хусусиятҳо ва зуҳуроти бемориҳои маъмули бактериявӣ – брутселлёз, салмонеллёз ва коккҳо дар чорвои кишоварзӣ, муайян намудани микроорганизмҳои касалиовар ва шартан касалиовар дар шири хом, инчунин тарҳрезии доруи самарабахши гиёҳӣ барои пешгирӣ ва табобати илтиҳоби сироятии ғадудҳои ширии синаи ҳайвонот мебошад.

Вазифаҳои тадқиқот

1. Омӯзиши самаранокии усулҳои ташхиси брутселлёз дар шири чорвои калони шохдор бо муқоисаи арзиши ташхисии реаксияи ҳалқавӣ, санҷиши Роз-Бенгал ва антигени ягонаи ранга бо истифодаи гидрокарбонати натрий 6,8%.

2. Ташхиси бактериологии брутселлёз дар шири чорвои калони шохдор бо мақсади муайян намудани самаранокии усулҳои ҷудокунӣ ва муайянсозии барангезанда.

3. Таҳлили паҳншавии салмонеллёз ва сирояти коккҳо (стафилококкҳо, стрептококкҳо ва диплококкҳо) дар байни ҳайвонот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҷудосозии барангезандаҳо аз намунаҳои шири чорвои калони шохдор.

4. Таҳқиқи ҳассосияти антибиотикҳо нисбат ба изолятҳои ҷудошудаи салмонеллаҳо ва коккҳои шартан патогенӣ барои интихоби самараноки табобати зиддимикробӣ.

5. Тарҳрезии доруи гиёҳӣ барои муолиҷаи илтиҳоби сироятии ғадудҳои ширии синаи ҳайвонот.

6. Арзёбии самаранокии муолиҷавии малҳам ва усораи равғании гули чойкаҳак *(Hypericum scabrum, Hypéricum perforátum)* ва сесанбарг *(Thymus seravschanicus Klokov)* дар муолиҷаи илтиҳоби сироятии ғадудҳои ширии синаи чорво.

Объекти тадқиқот хоҷагиҳои чорводории ҷумҳурӣ мебошад. Ҳамчунин барои тайёр кардани малҳам растаниҳои маҳаллии чойкаҳак (*Hypericum scabrum, Hypéricum perforatum*) ва сесанбарги зарафшонӣ (*Thymus seravschanicus Klokov*) интихоб карда шуданд.

Мавзуи тадқиқот. Мониторинги эпизоотии як қатор бемориҳои сироятии зоонозӣ дар хоҷагиҳои ширӣ, инчунин муайян намудани сабабҳои асосии пайдошавии илтиҳоби сироятии ғадудҳои ширии сина дар ҳайвоноти кишоварзӣ ва табобати он, муайян намудани намудҳои микроорганизмҳои касалиовар ва шартан касалиовар дар шир бо усулҳои статистикӣ, микроскопӣ, бактериологӣ, биологӣ ва клиникии тадқиқот мебошад.

Навгонии илмии тадқиқот. Бори аввал дар шароити озмоишӣ хусусиятҳои клиникии брутселлёз, салмонеллёз ва сирояти кокк омӯхта шудаанд;

Паҳншавии як қатор бемориҳои зоонозӣ, ба монанди брутселлёз, салмонеллёз ва стафилококкоз дар шароити чорводории ширии кишвар таҳқиқ гардид;

Ҳассосияти як қатор антигени дар усули АҲ истифодашаванда омӯхта шуд ва арзёбии муқоисавии онҳо бо антигени ранга барои ташхиси брутселлёз дар шир гузаронида шуд;

Дар шароити ҶТ бо усули муосири аксуламали занҷири полимеразӣ (АЗП (PCR)) хайли маҳаллии *Brucella abortus* муайян карда шуд;

Ҳамчунин, барои ба даст овардани натиҷаи фаврӣ, ҳангоми ташхиси брутселлёз, мо бикарбонати натрийро дар якҷоягӣ бо антигени ранга истифода бурдем, намунаҳои мусбӣ пас аз истифодаи ташхиси серологии шири гов бо усули АҲ ва АЯР тасдиқ карда шуданд;

Навоварии дигаре, ки мо дар натиҷаи тадқиқоти илмӣ дар асоси Барномаҳои бунёдӣ ва амалии Фонди Президентӣ барои солҳои 2022-2023 ба даст овардаем “Тарҳрезии малҳам ва усораи равғанини гули чойкаҳак ва сесанбарги зарафшонӣ барои пешгирӣ ва табобати илтиҳоби сироятии ғадудҳои ширии синаи ҳайвоноти кишоварзӣ” мебошад, ки бо патенти ҶТ № 1436 барои ихтироъ тасвиб гардидааст. Ихтирои мазкур ба озмун дар давлати Қувайт пешниҳод карда шуда, миёни 58 давлати дунё соҳиби медали биринҷии озмун дар соли 2024 гардид.

Аҳамияти назариявӣ ва илмию амалии тадқиқот дар омӯзиши ҳамаҷонибаи вазъи эпизоотологии бемориҳои брутселлёз, салмонеллёз ва сироятҳои кокк дар ҶТ, инчунин арзёбии муқоисавии ин бемориҳо дар ҳудуди ҷумҳурӣ мебошад.

Арзёбии муқоисавии антигенҳои истеҳсоли кишвару ширкатҳои гуногун дар ташхиси серологии шири гов бо истифода аз усулҳои АҲ ва СРБ, тадқиқоти бактериологӣ, ҷудо кардани изолятҳои брутселла, инчунин муайян намудани сабабҳои асосии пайдоиши илтиҳоби сироятии ғадудҳои ширии сина дар ҳайвоноти кишоварзӣ мебошад.

Аҳамияти амалии тадқиқот дар он зуҳур мегардад, ки дар натиҷаи тадқиқот дар амалияи ветеринарӣ дастурамалу тавсияҳои зерин ҷорӣ карда шудаанд: «Тавсияҳои методӣ оид ба ошкор намудани бемории брутселлёз дар шир бо роҳи санҷиши ҳалқавӣ бо истифода аз антигенҳои гуногун» (аз ҷониби Раиси Кумитаи бехатарии озуқавории назди Ҳукумати ҶТ аз 07.07.с.2020 тасдиқ шудааст), «Дастурамал оид ба гузаронидани экспертизаи доруворӣ, моддаҳо ва маводи ёрирасони ветеринарӣ» (аз ҷониби Раиси Кумитаи бехатарии озуқавории назди Ҳукумати ҶТ аз 07.07.2020с. тасдиқ шудааст), Дастурамали методии «Тартиби гузаронидани ташхиси бактериологии брутселлёзи ҳайвонот» (аз ҷониби Раиси Кумитаи бехатарии озуқавории назди Ҳукумати ҶТ аз 6 майи соли 2024 тасдиқ шудааст).

Патент оид ба ихтироъ №TJ1436.

Натиҷаҳои бадастомадаи тадқиқот метавонанд барои омӯзгорон, донишҷӯён, аспирантҳо, докторантҳо ва магистрҳо, институту факултетҳои тибби ветеринарӣ ва биологӣ ҳамчун дастури таълимӣ истифода шаванд.

Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:

1. Натиҷаҳои тадқиқоти серологию бактериологии шир.

2. Маълумот дар бораи ҷудо кардан ва омӯзиши хосиятҳои изолятҳои микроорганизмҳои бактериявӣ (салмонеллаҳо ва коккҳо) дар ҳайвонот.

3. Натиҷаҳои ҳассосияти микроорганизмҳои ҷудокардашуда ба маводи зиддимикробӣ.

4. Натиҷаҳои омӯзиши самаранокии табобатии доруи гиёҳӣ бар зидди илтиҳоби сироятии ғадудҳои ширии синаи ЧКШ бо этиологияи бактериявӣ.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо ҳаҷми кофии маводи оморӣ ва таҷрибавӣ, зиёд будани тадқиқоти гузаронидашуда ва интишорот дар маҷаллаҳои тақризшаванда тасдиқ менамояд. Хулоса ва тавсияҳо ба таҳлили илмии тадқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ асос ёфтаанд.

Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Соҳаи тадқиқоти илмӣ ба бандҳои 5.1, 5.5 ва 5.11 Шиносномаи номенклатураи ихтисосҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ ба соҳаи микробиологияи ветеринарӣ, вирусшиносӣ, эпизоотология, замбурӯғшиносӣ бо захрзамбурӯғшиносӣ

ва масъуниятшиносӣ (ихтисоси 06.02.02) мувофиқат менамояд.

Саҳми шахсӣ аз омӯзиш ва таҳлили адабиёти соҳавӣ, гузаронидани таҳлили оморӣ, омӯзиши усулҳои молекулавӣ, бактериологӣ, биологӣ ва клиникии таҳқиқи маводи амрозӣ аз чорво, банақшагирӣ ва татбиқи бевоситаи тадқиқот, таҳлил ва ҷамъбасти натиҷаҳои бадастомада иборат аст, инчунин тартиб додани натиҷаҳои тадқиқоти илмӣ дар шакли мақолаҳои илмӣ дар нашрияҳои илмӣ ва таҳияи ҳуҷҷатҳои меъёрию техникӣ саҳми бевоситаи унвонҷӯ мебошад.

Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои тадқиқоти диссертатсионӣ. Натиҷаҳои тадқиқот оид ба мавзӯи диссертатсия дар чорабиниҳои зерин гузориш дода шудаанд:

- дар Конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалии олимони ҷавон, дар Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон дар мавзӯи «Афзалиятҳои рушди илми кишоварзӣ» бахшида ба Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, 2018-2028 ва «Солҳои 2019-2021 солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ», 06.03.2019;

- дар семинари илмию амалии минтақавии «Усулҳои муосири пешгирӣ ва табобати бемориҳои сироятии ҳайвоноти кишоварзӣ, паранда, моҳӣ ва занбӯри асал» дар ИТВ АИКТ, 21.06.2019;

- Конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалии «Таъмини амнияти озуқаворӣ ва дастрасии маҳсулоти хӯроквории хушсифат барои аҳолӣ», ташкилкунанда Кумитаи бехатарии озуқаворӣ, Ассотсиатсияи байторони Тоҷикистон ва факултети тибби ветеринарии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур, 26.06.2019;

- дар Конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ «Усулҳои муосири ташхис ва пешгирии бемориҳои сироятӣ ва инвазионии ҳайвоноти кишоварзӣ ва паранда» дар якҷоягӣ бо ИТВ ва Институти масоили амнияти биологӣ ва биотехнологияи АИКТ (ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ-38 /Душанбе-Плаза»), 20.07.2019;

- дар семинари илмию амалии минтақавии “Пешгирӣ ва табобати бемориҳои сироятӣ ва ғайрисироятии ҳайвонот” дар шаҳри Ваҳдат, бо маърӯза дар мавзӯи “Муайян кардани микроорганизмҳои касалиовар дар шир ва маҳсулоти ширӣ”, 25.10. 2019;

- дар Конференсияи илмию амалии минтақавии “Ташхис ва пешгирии бемориҳои ҳайвонот ва паранда” дар Институти масоили амнияти биологӣ ва биотехнологияи АИКТ, 23.12.2020;

- дар семинари илмию амалии минтақавӣ дар мавзӯи «Комёбиҳои зотпарварӣ дар гӯсфандпарварӣ ва афзалиятҳои он» дар Институти чорводорӣ ва чарогоҳҳои АИКТ, бо маърӯза дар мавзӯи «Ташхиси муқоисавии брутселлёзи ҳайвонот”, 30.12.2020;

- дар Конференсияи олимони ҷавон дар мавзӯи «Саҳми олимони ҷавон дар рушди инноватсия ва технологияҳои кишоварзӣ» дар комплекси агросаноатӣ бахшида ба 30-солагии Истиқлоли давлатии ҶТ, 21.05.2021;

- дар семинари илмию амалии минтақавии «Усулҳои самараноки ташхис ва мубориза зидди бемориҳои сироятию инвазионии ҳайвонот», дар ИТВ АИКТ бо маъруза дар мавзӯи «Табобат ва пешгирии бемории илтиҳоби ғадудҳои шири (мастит)-и модаговҳо», 24.06.2021;

- дар Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ “Усулҳои муосири пешгирии бемориҳои маъмултарини сироятӣ ва инвазионӣ дар ҳайвоноти кишоварзӣ” дар ИТВ АИКТ, 23.07.2021;

- дар семинари илмию амалии минтақавии «Усулҳои ташхиси бармаҳали бемориҳои сироятӣ ва инвазионии ҳайвоноти кишоварзӣ ва паранда» дар ИТВ АИКТ бо маъруза дар мавзӯи «Ташхис ва табобати илтиҳоби сина», 04.08.2021;

- дар семинари илмию амалии минтақавии «Роҳҳои муосири пешгирӣ ва мубориза зидди бемориҳои сироятии ҳайвонот ва зоонозҳо», дар ИТВ АИКТ бо маъруза дар мавзӯи «Муайян намудани бактерияҳои салмонелла дар шир», 15.12.2021;

- дар Конференсияи илмию амалии «Ташхис, пешгирӣ ва табобати бемориҳои бактериявӣ ва зоонозҳо», дар ИТВ АИКТ бо маърӯза дар мавзӯи “Табобат ва пешгирии илтиҳоби сироятии ғадудҳои ширии синаи ҳайвонот бо истифода аз малҳам ва усораи равғанини чойкаҳак ва сесанбар”, 31.03.2022;

- дар семинари илмию амалии минтақавии «Ташхис, табобат ва пешгирии бемориҳои сироятӣ ва зоонозии чорвои кишоварзӣ» дар ИТВ АИКТ бо маърӯза дар мавзӯи «Муайян намудани вазъи эпизоотии бемории илтиҳоби гиреҳии пӯст дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» 06.03.2024.

Унвонҷӯй дар Македонияи Шимолӣ аз октябри соли 2021 то декабри соли 2021 курси такмили ихтисосро дар мавзӯи “Омӯзиши усулҳои муосири ташхиси бемориҳои сироятии ҳайвонот ва зоонозҳо” хатм намуда, соҳиби шаҳодатнома гардид.

Нашри натиҷаҳои тадқиқоти илмӣ. Дар асоси маводи тадқиқотии диссертатсия 14 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 8 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ ба табъ расида, се дастур ва тавсияномаи методӣ таҳия ва аз ҷониби Раисии Кумитаи бехатарии озуқавории назди Ҳукумати ҶТ тасдиқ карда шуд. Унвонҷӯй барои ихтироъ ва таҳияи «Мавод барои табобати илтиҳоби ғадудҳои ширии синаи (мастит) ҳайвонот» дорои Патенти №TJ1436 мебошад.

Сохтор ва ҳаҷми рисолаи илмӣ аз муқаддима, шарҳи адабиёт, тавсифи тадқиқоти шахсӣ, муҳокимаи натиҷаҳо, хулосаҳо, тавсияҳои амалӣ, рӯйхати адабиёт ва замимаҳо иборатанд. Ҳаҷми рисола 141 саҳифаи матни компютерӣ бо 14 ҷадвал, 5 диаграмма ва 28 расм мебошад. Рӯйхати адабиёт аз 165 манбаъ, аз ҷумла 101 сарчашма ва адабиёт ба забони русӣ ва 64 адабиёт ба забони англисӣ мебошад. Дар замима ҳуҷҷатҳое оварда шудаанд, ки аҳамияти илмӣ ва амалии тадқиқотро тасдиқ мекунанд.

МУҲТАВОИ ТАДҚИҚОТ

Мавод ва усулҳои тадқиқот. Тадқиқот дар пойгоҳи Институти тибби ветеринарии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон (АИКТ) дар доираи нақшаҳои тадқиқотӣ оид ба ташхис ва пешгирии брутселлёз ва дигар сироятҳои ҳайвоноти кишоварзӣ анҷом дода шуд. Солҳои 2022-2023 лоиҳаи таҳияи экстракт ва малҳам барои пешгирӣ ва табобати мастит амалӣ карда шуд. Тадқиқот дар ду марҳила: аз соли 2019 то 2021 гузаронида шуд. — таҳлили 2256 намунаи шир бо истифода аз реаксияи ҳалқавӣ ва аз соли 2022 то 2023. — коркарди маводи табобатӣ. Дар байни солҳои 2019 ва 2024 назорати эпизоотии касалиҳои бактериявии маъмул дар фермаҳои чорводорӣ гузаронда шуд.

Дар Марказҳои бехатарии озуқавории Кумитаи бехатарии озуқаворӣ дар шаҳру ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон маводҳои ҳисоботи ветеринарӣ таҳлил карда шуданд. Барои муайян кардани микроорганизмҳои патогенӣ (брутселла, салмонелла ва коккҳо) аз намунаҳои чорвои калони шохдор ва чорвои майда тадқиқотҳои серологӣ ва бактериологӣ гузаронида шуданд, 2233 намунаи шир, 423 намунаи олудагиҳо аз пистон омӯхта шуд, 85 намунаи сметана ва 31 намунаи творог низ санҷида шуд. Усули аксуламалӣ ҳалқавӣ (АҲ) барои ошкор кардани брутселлёз ва санҷиши Роз - Бенгал (СРБ) барои ташхиси фаврӣ истифода шудааст. Парвардаҳои ҷудошудаи бруцелла дар муҳити ғизоӣ бо истифода аз санҷиши биологӣ дар хукчаҳои баҳрӣ барои муайян кардани қобилияти касалиоварӣ муайян карда шуданд.

Агар аксуламали агглютинатсия (РА) дар хукчаҳои баҳрӣ манфӣ бошад, таҳлили биологӣ манфӣ ҳисобида мешавад ва ҳайвонҳо нобуд карда мешаванд. Натиҷаи мусбии касалии брутселлёз хангоми 1:10 титркунии зардоби хун муайян карда шуд. Ҳар як намунаи шир аз таҳлили бактериологӣ барои салмонеллёз тавассути кишт дар муҳити гуногуни ғизоӣ ва инкубатсия дар ҳарорати 37°C барои 24 соат гузаронида шуд. Натиҷаҳо аз рӯи афзоиш дар маводи ғизоӣ ва ташхиси

микроскопии молишакҳо арзёбӣ карда шуданд. Қобилияти касалиоварии парвардаҳо дар мушҳои сафед ва хукчаҳои баҳрӣ тавассути воридсозии намунаҳои бадастоамада ба дохили сифоқ санҷида шуданд. Инчунин ҳассосияти парвардаҳо ба антибиотикҳо бо истифода аз дискҳои стандартӣ санҷида шуданд ва натиҷаҳо пас аз инкубатсия таҳлил карда шуданд. Барои муайян кардани бактерияҳои *Brucella, Salmonella* ва *Staphylococcus* усулҳои маъмулан дар тибби ветеринарӣ қабулшуда истифода шуданд.

Муоинаи бактериологии шир барои стафилококкҳо ва стрептококкҳо. Тадқиқотҳо бо истифода аз усулҳои бактериологӣ гузаронида шуд. Ширро дар консентратсияи 1:10 ва 1:20 маҳлул карда, баъд ба пиёбаи гушту пептондор ва агари гӯшту пептондор кишт карда, дар ҳарорати 37°С дар давоми 24-48 соат инкубатсия намудем. Колонияҳо дар агар бо 5% эритроситҳои хун ва дигар иловаҳо кишти такрорӣ карда шуданд. Натиҷаҳо тавассути афзоиш ва ташхиси микроскопии намунаҳо арзёбӣ гардиданд. Изолятҳои стафилококкӣ барои плазмакоагулятсия ва фаъолияти ферментативӣ бо истифода аз карбогидратҳои гуногун санҷида шуданд.

Барои муайян кардани қобилияти касалиоварӣ, парвардаҳоро дар ҳарорати 37°С инкубатсия карда, ба ҳайвоноти тачрибавӣ (мушҳо ва хукчаҳои баҳрӣ) ба дохили сифоқ ворид карда, онҳо дар давоми 5-14 рӯз зери назорат қарор дода шуданд. Консентратсияи ҳуҷайра бо зичии оптикӣ муайян карда шуд.

Ба агар 1 мл суспензияи парварда андохта шуд, пас аз он дискҳои антибиотик илова карда шуд ва инкубатсия карда шуданд. Натиҷаҳо пас аз 24 соат таҳлил гардиданд.


Ҳангоми иҷрои кори диссертатсия мониторинги эпизоотологӣ гузаронида шуда, усулҳои тадқиқоти серологӣ, микроскопӣ, бактериологӣ, биологӣ, ташреҳию - амрозӣ ва клиникӣ, ки дар тибби ветеринарӣ маъмуланд, истифода шудаанд.

НАТИҶАҲОИ ТАДҚИҚОТ

Арзиши ташхисии истифодаи аксуламали ҳалқагӣ дар омӯзиши шири чорвои калони шохдор

Дар давраи солҳои 2019-2021 омӯзиши шири чорвои калони шохдор гузаронида шуда, дар рафти он 2256 намнуаҳо аз ноҳияҳои вилояти Хатлон (Фархор, Данғара, Муъминобод ва Хавалинг), ноҳияҳои вилояти Суғд (Панҷакент, Ашт, Истаравшан ва Деваштич), инчунин аз НТҶ, ба монанди Шаҳринав, Ҳисор, Турсунзода, Файзобод, Ваҳдат ва ноҳияи Рӯдакӣ санҷида шуданд. Намунаҳои шир аз маҳалҳои аҳолинишин ва фермаҳои ширӣ аз модаговҳое, ки зидди брутселлёз ваксина нашудаанд, гирифта шуданд.

Дар давоми тачрибаҳо, самаранокии ташхисии якчанд антигенҳои тиҷоратӣ, ки барои таҳлили шири гов дар аксуламали ҳалқагӣ (АҲ) истифода мешаванд, мавриди санҷиши муқоисавӣ қарор дода шуданд. Ба ин антигенҳо дохил мешаванд: «*Standardized Brucell Milk Ring Test Antigen*» (Антигени № 1) истеҳсоли Британияи Кабир; антигени ранга, истеҳсоли ташкилоти ғайридавлатии (ТҒД) «*Antigen*» Ҷумҳурии Қазоқистон (Антигени № 2); антигени рангаи Институти илмӣ-тадқиқотии ветеринарии Қазоқистон (ИИТВҚ), танҳо барои таҳлили шир истифодашаванда (Антигени № 3); ва антигени ягонаи рангаи Институти илмӣ-тадқиқотии ветеринарии Қазоқистон (Антигени № 4), барои истифода дар якчанд санҷишҳои ташхисӣ - аксуламали агглютинатсия пешбинӣ шудааст (АА), аксуламали агглютинатсияи дар планшет (ПРА/РБП) ва аксуалмали ҳалқагии шир. Натиҷаҳои тадқиқот дар диаграммаи 1 инъикос ёфтаанд.



Диаграммаи 1. - Арзёбии муқоисавии антигенҳо

Ҳангоми азназаргузаронии шири ҳайвонот дар аксуламали ҳалқавӣ (АҲ) антигени №1 ҳамагӣ дар 24 сар модагов аксуламалӣ мусбӣ муайян кард, ки ин 1,07 фоизи саршумори умумии ҳайвоноти санҷидашударо ташкил медиҳад. Самаранокии антигени № 2 ба таври назаррас баланд шуд: 28 намунаи шир (1,24%) аксуламалҳои мусбӣ нишон доданд.


Тадқиқотҳо бо антигенҳои истеҳсолкардаи ИИТВҚ нишон доданд, ки антигенҳои рангаи рақами 3 ва № 4 ҳангоми таҳлили шири гов натиҷаҳои беҳтар нишон дода, аз ду антигени дигари ташхисӣ пеш гузаштанд. Ҳарду антигенҳо ҳассосияти якхела нишон доданд, ки шумораи баробари ҳолатҳои мусбии брутселлёзро дар ҳайвонот муайян карданд. Антигени № 3 танҳо барои таҳлили шири гов пешбинӣ шудааст, дар ҳоле ки антигени №4 бартарияти он дорад, ки ҳам барои санҷиши шир дар аксуламали ҳалқагӣ ва ҳам барои омӯзиши зардоби хун дар аксуламали агглютинатсия (АА), аксуламали агглютинатсия дар планшет (ПРА), инчунин дар аксуламалҳо бо муайянкунии мураккаб (РСК/РДСК) истифода мешавад.

Бо назардошти натиҷаҳои аксуламалҳои ҳалқавӣ бо истифода аз ин антигенҳо аз 2256 намуна 34 аксуламали мусбат муайян гардид, ки 1,52% -ро ташкил медиҳад. Илова бар ин, бар хилофи дигар антигенҳои аксуламали ҳалқавии тиҷоратӣ, ин антигенҳо имкон медиҳанд, ки шири тару тоза ва турш, аз ҷумла зардоб дар саҳро ва шароити озамоишгоҳ ташхис карда шаванд.

Арзиши ташхисии санҷиши Роз-бенгал ва антигени ягонаи ранга бо истифодаи гидрокарбонати натрийи 6,8% дар таҳқиқи брутселлёз дар шири ЧКШ

Барои ба даст овардани натиҷаи дақиқ ва зуд, мо тасмим гирифтем, ки антигенеро, ки барои санҷиши зардобаи хун истифода мешавад (санҷиши Роз - Бенгал) бо иловаи бикарбонати натрий 6,8% (содаи ошӣ) истифода барем.

Намунаҳое, ки бо истифода аз аксуламали ҳалқави санҷида шудаанд, бо истифода аз антигени озмоишии Роз - Бенгал ва бикарбонати натрий 6,8% (содаи ошӣ) дубора санҷида шуданд. Натиҷаҳои тадқиқот дар диаграммаи 2 инъикос ёфтаанд.



Диаграммаи 2. - Арзёбии муқоисавии намунаҳои шир бо истифода аз усулҳои СРБ ва АЯР бо истифода аз маълумотҳои ташхисӣ аз истеҳсолкунандагони гуногун

Чунон ки дар ин диаграмма дида мешавад, ҳангоми санҷиши 2256 намунаи шир бо истифода аз антигени Роз-бенгал №1, ки дар Британияи Кабир (БК) истеҳсол карда шудааст, 26 ҳайвоноти аксуламали мусбат муайян карда шуд; сатҳи сироятёбӣ 1,15% -ро ташкил дод. Ҳангоми истифодаи антигени Роз-бенгалии №2 «Антиген»-и ТҒД Ҷумҳурии Қазоқистон 30 сар чорвои аксуламали мусбат муайян карда шуда, фоизи сироятёбӣ 1,32% -ро ташкил дод.

Антигени Роз-Бенгалии № 3, ки аз ҷониби ИИТВҚ истеҳсол шудааст, 35 чорвои беморро муайян кард, ки ҷавоби мусбат доданд, сатҳи сироят 1,55% буд. Ҳангоми истифодаи антигени № 4 (антигени кабуди ягонаи рангаи ИИТВҚ) дар 38 сар ҳайвонот натиҷаи мусбӣ ошкор карда шуд, ки сатҳи сироятшавӣ 1,68% буд. Натиҷаҳои мусбате, ки бо истифода аз санҷиши Роз - Бенгал ва усули антигени ягона бо истифода аз 6,8% бикарбонати натрий ба даст оварда шудаанд, дар 100% ҳолатҳо мувофиқат карданд. Усули аксуламали ҳалқавӣ бо истифода аз антигени ягонаи кабуди рангаи ИИТВҚ натиҷаҳои мусбии антигенҳои № 1, 2, 3-ро тасдиқ кард ва инчунин 3 ҳайвони ба таври мусбат аксуламалкунандаро муайян кард.

Дар таҷрибаи мо ташхисвораи истифодашуда ҳассосият ва хусусияти баланд нишон дод, ки ин имкон медиҳад бевосита дар шароити саҳро дар худи хоҷагиҳо истифода шавад. Истифодаи антигени ягонаи ранга, ки дар ИИТВҚ коркард шудааст, имкон медиҳад, бемории брутселлёзро зуд ташхис карда, вақти заруриро барои таҳлил хеле кам кунад.

Ташхиси бактериологии шири чорвои калони шохдор нисбат ба брутселлёз

Шир тавассути аксуламалҳои ҳалқагӣ бо истифода аз усули Роз-бенгал ва 6,8% бикарбонати натрий санҷида шуд. Ҳама 38 намунаи мусбии қаблан гирифташуда дубора ташхис гардиданд. Аз ҳар як намуна 5 мл шир ба найчашишаҳои безараршуда гирифта шуд, ки онҳо дар сентрифуга дар 3000 гардиш барои 5-10 дақиқа ҷойгир карда шуданд. Баъди сентрифуга шири дар найчашишаҳо буда ба фраксияҳо ҷудо карда шуд: қаймоқ, зардоб ва таҳшин. Қаймоқ ба агари хуниву декстроза (АХД) кишт карда шуд, зардоб аз найчашишаҳо гирифта шуд ва таҳшин ба ҳамон муҳит кишт карда шуд.

Намунаҳои киштқардашуда дар аэростат бо иловаи бастаи газ барои фароҳам овардани шароити CO_2 гузошта шуда, сипас дар термостат дар ҳарорати +37,0 °С ҷойгир шуда, барои 3 рӯз инкубатсия гардиданд. Дар рӯзи 4-ум афзоиши бактерияҳо

назорат карда шуданд. Пас аз се рузи кишт афзоиш дар 17 намуна мушоҳида карда шуд. Пас аз ҳафт шабонарӯз афзоиш дар 11 ҳуҷайраи микроб ва баъд аз даҳ шабонарӯз дар 3 ҳуҷайраи микроб, ки колонияҳои хурд, беранг ё хокистарранги S - шакл ба вуҷуд омадаанд, мушоҳида карда шуд. Ҳангоми дучор сохтан бо рӯшноӣ колонияҳои афзоишёфта дурахши равшанеро нишон доданд, ки рангинкамони дурахшонро ба хотир меорад.

Аз 38 намунае, ки дар муҳити ғизоии агари хуниву-декстроза (АХД) кишт шуда, афзоиши хоси колонияҳои 31 ҳуҷайраи микроб ба қайд гирифта шуд, ки 81,57% намунаҳои мусбати омӯхташударо ташкил медиҳад. Дар вилояти Хатлон аз 13 намуна афзоиши ҳуҷайраи микроб дар муҳити АХД дар 10 намуна мушоҳида карда шуд, ки 76,92 фоизро ташкил дод. Дар вилояти Суғд ҳамаи 9 намунаҳо дар ин муҳити ғизоӣ афзоиш ёфтанд. Дар НТҶ аз 16 намуна дар 12 намуна афзоиш мушоҳида карда шуд, ки ин 75 фоизро ташкил дод.

Ҳангоми тадқиқоти микроскопии молишакҳо бо усулҳои Грам, Козловский ва Шуляк-шин афзоиши чӯбчаҳои хурди коккшакли ҷинси брутселла тасдиқ карда шуд. Натиҷаҳои тадқиқоти гузаронидашуда дар ҷадвали 1 инъикос ёфтаанд.

Ҷадвали 1. - Санҷиши микроскопии молишакҳо, колонияҳои афзоишёфта дар агари хуниву-декстроза (АХД)

Номгӯйи шаҳру ноҳияҳо	Шумораи намунаҳои мусбат зимни АҲ ва дар СРБ бо истифодаи гидрокарбонати натрийи 6,8% ва дар муҳити АХД киштшуда	Колонияҳои дар 3 шабонарӯз афзоишёфта				Колонияҳои дар 7 шабонарӯз афзоишёфта				Колонияҳои дар 10 шабонарӯз афзоишёфта			
		Микроскопия											
		Бо усули Шуляку Шину	Бо усули Козловский	Бо усули Грам	%	Бо усули Шуляк-Шин	Бо усули Козловский	Бо усули Грам	%	Бо усули Шуляк-Шин	Бо усули Козловский	Бо усули Грам	%
Вилояти Хатлон													
н.Фархор	6	2	2	2	33,33	3	3	3	50	1	1	1	16,66
н.Данғара	4	1	1	1	25	---	---	---	---	---	---	---	---
н.Муъминобод	1	1	1	1	100	---	---	---	---	---	---	---	---
н.Ховалинг	2	2	2	2	100	---	---	---	---	---	---	---	---
Ҳамагӣ:	**13**	**6**	**6**	**6**	**46,15**	**3**	**3**	**3**	**23,07**	**1**	**1**	**1**	**7,69**
Вилояти Суғд													
ш. Панҷакент	3	1	1	1	33,33	2	2	2	66,66	---	---	---	---
н.Ашт	2	2	2	2	100	---	---	---	---	---	---	---	---
н.Деваштич	2	0	0	0	0	2	2	2	100	---	---	---	---
ш.Истаравшан	2	2	2	2	100	---	---	---	---	---	---	---	---
Ҳамагӣ:	**9**	**5**	**5**	**5**	**55,55**	**4**	**4**	**4**	**44,44**	**---**	**---**	**---**	**---**
ШНТҶ													
ш.Турсунзода	2	2	2	2	100	---	---	---	---	---	---	---	---
н.Файзобод	3	3	3	3	100	---	---	---	---	---	---	---	---
ш.Вахдат	3	0	0	0	0	---	---	---	---	1	1	1	33,33
ш.Ҳисор	8	1	1	1	12,5	4	4	4	50	1	1	1	12,5
Ҳамагӣ:	**16**	**6**	**6**	**6**	**37,5**	**4**	**4**	**4**	**25**	**2**	**2**	**2**	**12,5**
Ҷамъ:	**38**	**17**	**17**	**17**	**44,73**	**11**	**11**	**11**	**28,94**	**3**	**3**	**3**	**7,89**

Аз 38 намунаи мусбӣ, ки дар натиҷаи аксуламали ҳалқагии шир ба даст оварда шудаанд, колонияҳои парваришшуда пас аз кишткунӣ дар агари хуниву декстроза ва 31 изолят тавассути тадқиқоти микроскопӣ ошкор карда шуданд. Муносибати фоиз бо усули аксуламалҳои ҳалқагӣ ва СРБ бо 6,8% бикарбонати натрий 81,57% буд.

Бояд қайд кард, ки афзоиши колонияҳо дар намунаҳои киштшуда аз қаймоқ назар ба намунаҳои таҳшин дар қаъри найчаҳо бештар мушоҳида шуд. Барои аниқ кардани маълумоти ба даст овардашуда колонияҳои киштшуда аз муҳити агари хуниву декстроза, ба найчашишаҳои дорои муҳити тафриқавӣ ташхис гузаронида шуданд. Намунаҳои кишти такрорӣ дар зарфи анаэробӣ бо истифода аз Айростат барои фароҳам овардани шароит бо CO_2 ва сипас дар термостат дар ҳарорати +37 °C

ҷойгир карда, барои 3 рӯз нигоҳ дошта шуданд. Дар рӯзи 4-ум мавҷудияти афзоиши бактерияҳо санҷида шуд.

Ҳангоми таҳлили маводи амрозӣ аз 31 намунаи мусбӣ, афзоиш дар 11 намуна дар рӯзи 3-юм ва дар рӯзи 7-ум афзоиш дар 13 ҳуҷайраи микроб ба қайд гирифта шуд. Инчунин, ҳангоми мушоҳида кардани колонияҳои афзоишёфта, ҳамзамон афзоиши колонияҳои хурди хокистарранги S-шакл ва баъзе бе ранги R-шакл мушоҳида гардид. Вақте ки дар рӯшноӣ нигоҳ дошта шуданд, колонияҳои калоншуда тобиши рангинкамон ба вуҷуд оварда, мушоҳида гардид.

Аз 31 парвардаи дар муҳити ғизоии АХД парваришшуда дар 24 парварда тасдиқ карда шуд, ки 77,41% мебошад, дар муҳити ғизои Фарелс (Farrell, D. J.) дар давоми 3-7 рӯз ҳамаи 24 парварда афзоиши хоси чӯбчаҳои коккшакл доштанд.

Дар вилояти Хатлон, аз 10 парварда, АХД афзоиши хос дар муҳити ғизои Фарелс аз 3 то 7 рӯз мушоҳида гардид ва афзоиши хоси 7 парварда ба қайд гирифта шуд, ки 70% -ро ташкил дод. Дар вилояти Суғд аз 9 парварда дар муҳити дар боло зикршуда 7 парварда афзоиш ёфт, ки 77,8 фоизро ташкил дод, инчунин дар ШНТҶ аз 12 парвардаи дар АХД парваришшуда, 10 парварда дар муҳити ғизои Фарелс афзоиш ёфт, ки 83,3%-ро ташкил дод.

Микроскопия бо усули Грам, Козловский ва Шуляк-Шин афзоиши парвардаҳои коккшаклро, ки ба авлоди бруселлаҳо тааллуқ доранд, тасдиқ кард. Натиҷаҳои тадқиқот дар ҷадвали 2 инъикос ёфтаанд.

Ҷадвали 2. - Санҷиши микроскопии молишакҳои парвардаҳо аз муҳити ғизоии Фарелс

Номгӯйи шаҳру ноҳияҳо	Шумораи намунаҳои мусбат дар АҲ ва культураҳои дар муҳити АХД афзоишёфта	Колонияҳои дар шабонарӯзи 3-юм афзоишёфта				Колонияҳои дар шабонарӯзи 7-юм афзоишёфта			
		Микроскопия							
		бо усули Шуляк-Шин	Бо усули Козловский	бо усули Грам	%	бо усули Шуляк-Шин	Бо усули Козловский	бо усули Грам	%
Вилояти Хатлон									
н. Фарҳор	6	2	2	2	33,3	4	4	4	66,7
н. Данғара	1	1	1	1	100,0	---	---	---	---
н. Муъминобод	2	---	---	---	---	---	---	---	---
н. Ховалинг	1	---	---	---	---	---	---	---	---
Ҳамагӣ:	10	3	3	3	30	4	4	4	40
Вилояти Суғд									
ш. Панҷакент	3	1	1	1	33,3	2	2	2	66,7
н. Ашт	2	2	2	2	100,0	---	---	---	---
н. Деваштич	2	0	0	0	0	2	2	2	100
ш. Истаравшан	2	---	---	---	---	---	---	---	---
Ҳамагӣ:	9	3	3	3	33,3	4	4	4	44,4
ШНТҶ									
ш. Турсунзода	2	---	---	---	---	---	---	---	---
н. Файзобод	3	3	3	3	100,0	---	---	---	---
ш. Вахдат	1	1	1	1	100,0	---	---	---	---
ш. Ҳисор	6	1	1	1	16,7	5	5	5	83,3
Ҳамагӣ:	12	5	5	5	58,3	5	5	5	41,7
Ҷамъ:	31	11	11	11	35,5	13	13	13	41,9

Аз 31 парвардаи дар муҳити АХД афзоишёфта, пас аз кишт дар муҳити Фарелс дар шабонарӯзи 3-юм афзоиши 11 парварда мушоҳида гардид, мувофиқат 35,5%-ро ташкил дод ва дар рӯзи 7-ум афзоиши хос дар 13 парварда ба қайд гирифта шуд, мувофиқат 41,9 %-ро ташкил дод.

Ҳангоми таҳқиқи бактериологии 2 намунаи мусбате, ки пас аз гузоштани АҲ-и шир бо истифода аз АЯР ва СРБ бо гидрокарбонати натрийи 6,8% ба даст оварда шудаанд, натиҷаҳои манфӣ ба даст оварда шуданд.

Барои тасдиқи эътимоднокии натиҷаҳои тадқиқот бо истифода аз усулҳои бактериологӣ, мо ба таври иловагӣ дар шишачаи зарабинӣ АА гузаронидем. Мо ба зарфи шишагӣ бо дозатор ба миқдори 25 мкл зардоби бисёрвалентии брутселлёз илова кардем ва аз колонияҳои дар муҳити АХД ва муҳити ғизои Фарелс парваришшуда колонияҳоро бо ҳалқаи як маротиба истифодашаванда гирифтем. Ҳаҷми як ҳалқаро ба 4 қисм тақсим карда, 1 қисми ин колонияҳо (як қатраи овезонро) ба зарфи шиша илова карда, бо зардоби брутселлёзи поливалентӣ аз 3 то 5 дақиқа бодиққат омехта кардем, дар намунаҳои мусбат часпиш (агглютинатсия) мушоҳида гардид ва пораҳо ба вуҷуд омаданд. Дар муҳити АХД 31 колония бо истифода аз усули АА дар шишачаи зарабинӣ таҳқиқ карда шуд ва дар 24 парварда колонияҳои микроорганизм тасдиқ гардид. Инчунин, аз 24 колонияҳои дар муҳити ғизои Фарелс парваришшуда бо усули АА ҳама 24 парварда тасдиқ карда шуданд.

Инчунин дар ҳайвоноти озмоишӣ санҷишҳои биологӣ гузаронида шуд. Пеш аз гузаронидани санҷиши биологӣ аз 2 сар хукчаҳои баҳрии интихобшуда, пас аз тасдиқи натиҷаҳои манфӣ барои ташхиси зардобавии брутселлёз бо истифода аз усулҳои СРБ ва АА хун гирифтан лозим буд. Аз 2 колонияи парваришшуда, ки дар муҳити АХД ва муҳити Фарелс буданд, аз рӯи афзоиши колонияҳо, инчунин аз рӯи хусусиятҳои морфологӣ, аз ин калонияҳо суспензия омода намуда, бо стандарти 1:1 миллиард воҳиди воя муқоиса карда шуд ва ин суспензияҳоро ба ду хукчаҳои баҳрӣ, ба яктоаш 1 мл ва ба дуюмаш 2 мл дар мушакҳои шикам зери пӯст тазриқ намудем.


Пас аз 10 рӯз, хун барои тадқиқоти серологӣ гирифтем. СРБ (++) ва АА (1:50) пас аз 10 рӯз мусбат буданд. Барои тадқиқоти зардобавӣ бо истифода аз усули СРБ дубора хун гирифта шуд. Мусбатнокии брутселлаҳо бо усули АА 1:200, ки баробар ба 4 салиб (++++) буд, тасдиқ карда шуд.

Барои тасдиқи эътимоднокии натиҷаҳои бадастомадаи бактериологӣ, бо усули муосир – АЗП дар шакли маъмул тадқиқоти намунавии изолятҳои мусбати брутселлаҳо анҷом дода шуд. Дар натиҷаи тадқиқот изоляти маҳаллии *Brucella abortus* ҷудо ва муайян карда шуд.

Ҷудосозии барангезандаи салмонеллёз дар шири чорвои калони шохдор

Барои дар шири хом ошкор кардани микроорганизмҳои касалиовар пистони говҳоро шуста, баъд 25 мл аз ҳаряк чоч ширро ба пробиркаҳо гирифта, дар ҷомадони термикӣ интиқол додем. Тадқиқоти бактериологӣ бо ду усул гузаронида шуд: намунаи якумро 1:10, 1:100 ва 1:1000 омода карда, 1 мл ширро бо маҳлули физиологӣ омехта кардем. Намунаи дуюм сентрифуга карда шуда, шир ба қаймоқ, зардоб ва сафеда ҷудо карда шуд. Дар АГП ва ПГП бо 100 мкл шири обшуда, инчунин дар муҳити ғизоии Эндо ва Плоскирева кишт гузаронида шуд. Аз 2218 намуна, парвардаҳо аз 18 то 48 соат инкубатсия карда шуданд. Дар ПГП тирагӣ ва таҳшинҳо мушоҳида карда шуда, дар агар колонияҳои хокистаррангранги S-шакл мушоҳида гардиданд. Дар муҳити ғизоии Эндо колонияҳо гулобӣ то сурхи дурахшон буданд.

Дар ғизои Плоскирев колонияҳои S-шакл, ки рангашон аз беранг то гулобӣ буданд, мушоҳида гардид. Бактерияҳое, ки дар ПГП ва АГП парвариш карда мешаванд, ҳангоми ранг кардан бо Грам ҳамчун чубчаи хурди гулобӣ пайдо мешаванд. Тадқиқот нишон медиҳад, ки салмонелла дар ғизои тафриқавии Эндо ва Плоскирева нисбат ба ПГП ва АГП беҳтар афзоиш меёбад. Инчунин, афзоиши колонияҳо бо истифода аз усули якуми титркунӣ назар ба истифодаи дуюм бештар ба назар мерасид. Натиҷаҳо дар диаграммаи 3 нишон дода шудаанд.




Диаграммаи 3. - Шумораи изолятҳои ҷудошудаи салмонелла

Аз 2218 намунаи шире, ки дар пиёбаи гӯштию пептонӣ, агари гӯштию пептонӣ, инчунин дар муҳити ғизоии эндо ва Плоскирев кишт шуда буд, 27 парварда ҷудо карда шуд. Аз ин 16-то дар ПГП афзоиши хоси салмонелла (0,72%), 21-то дар АГП (0,94%) ва 27-то дар ғизои Эндо ва Плоскирев (1,21%) нишон доданд.

Барои тасдиқи натиҷаҳо, парвардаҳои ҷудошуда аз ПГП ва АГП ба ҳамон ғизоҳо дубора кишт карда шуданд. Кишти такрорӣ бо истифода аз ҳалқа дар зарфҳои Петри бо АГП анҷом дода шуд ва дар ҳарорати 37 ° С барои 24-48 соат инкубатсия карда шуд. Колонияҳое, ки аз АГП парвариш карда шудаанд, бо усули Грам ранг карда шуданд ва чӯбчаҳои хурди гулобӣ дар зери зарабин мушоҳида карда шуданд. Ин колонияҳо ба муҳити диференсиалии Сименс, ки дар аввал сабз буд, такроран кишт карда шуд. Ҳама найчашишаҳо дар термостат дар ҳарорати 37 ° С барои 18 то 24 соат инкубатсия карда шуданд.

Инчунин тадқиқот бо истифода аз аксуламали агглютинавӣ бо зардобаҳои поливалентӣ (A, B, C, D) гузаронида шуд. Аз ҳар зардоба 2 мл гирифта, 2 мл маҳлули физиологӣ илова карда, хуб омехта карда мешавад. Сипас як қатраи овезон ба слайди шишагӣ андохта шуд. Аз колонияҳое, ки дар ғизоҳои Эндо ва Плоскирева парвариш карда шудаанд, колонияҳоро бо ҳалқаи якдафъаина гирифта, бо зардоби поливалентӣ барои 3-5 дақиқа омехта карданд. Вақте ки таҳшини кафкмонанд ба вуҷуд омад, хулоса бароварда шуд, ки колонияҳо ба салмонелла тааллуқ доранд.

Аз 27 намунаи мусбӣ дар ғизоҳои зикршуда, 25-тоаш дар муҳити ғизои АГП, Сименс ва аксуламал бо зардобаи поливалентӣ (A, B, C, D) тасдиқ карда шуд, ки 92,59% сироятёбиро ташкил дод. Дар вилояти Хатлон аз 14 намунаи мусбӣ 11-тоаш тасдиқ карда шуда, сатҳи сироятёбӣ 78,57 фоизро ташкил дод. Дар вилояти Суғд аз 9 намунаи мусбӣ 8-тоаш тасдиқ карда шуд, ки 88,9% -ро ташкил медиҳад. Дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ аз 9 намунаи мусбӣ 6-тоаш тасдиқ карда шуда, сатҳи сироятёбӣ 66,7 фоизро ташкил дод. Маълумот дар диаграммаи 4 оварда шудааст.




Диаграммаи 4. - Шумораи изолятҳои тасдиқшуда дар ғизои Сименс ва АА бо зардобаҳои поливалентии А, В, С, D

Аз 27 намунаи мусбӣ дар пиёбаи гӯштию пептонӣ, агари гуштию пептонӣ ва муҳити ғизоии Эндо ва Плоскирев, 25-тоаш дар муҳити Сименс (92,6%) ва бо аксуламали агглютинавӣ бо зардобаи поливалентӣ (92,6%) тасдиқ карда шуданд. Ин намунаҳо барои таҷрибаҳои биологӣ дар хукчаҳои баҳрӣ ва мушҳои сафед истифода шуданд. Колонияҳо ба ҳайвонот дар дохили сифоқ дар ҳаҷми 0,2 мл ворид карда шуданд, ҳайвончаҳои сироятёфта дар давоми 1—3 рӯз фавтиданд. Барои нигоҳ доштани изолятҳои салмонелла аз ҳайвоноти фавтида, дар муҳити ғизоӣ кишт гузаронида шуда, дар ҳарорати 37^{0}С ба мудати 1-2 шабонаруз инкубатсия карда шуданд. Изолятҳо барои омӯзиши минбаъда ва муайян кардани ҳассосият нисбат ба антибиотикҳо дар яхдон нигоҳ дошта шуданд.

Ҷудокунии стафилококкҳо, стрептококкҳо ва диплококкҳо дар шири ЧКШ

Барои муайян кардани микроорганизмҳое, ки боиси касалии мастит дар модаговҳо мешаванд, 2191 намунаи шири ҳайвоноти бемор ва шубҳанок санҷида шуд. Ширро дар таносуби 1:10 ё 1:20 маҳлул карда, 1-2 мл ба 10 мл маҳлули физиологӣ илова карда, сипас парвардаҳо дар пиёбаи гӯштию пептонӣ ва агари гуштию пептонӣ кишт гузаронида шуданд. Парвардаҳои парваришёфтаи стафилококкҳо дорои хосиятҳои хоси морфологӣ ва тинкториалӣ буда, дар давоми 24-48 соат фаъолона афзоиш ёфта, колонияҳои мудаввар, ҳамвори ранги тиллоӣ, сафед ё зарди дурахшонро ташкил карданд. Стрептококкҳо колонияҳои хокистаррангро ташкил доданд, ки ба АГП таъсири суст карданд. Ҳангоми парвариш дар ПГП, ғизо шаффоф монд, аммо дар поёни он таҳшин дар шакли пораҳо ба вуҷуд омаданд, ки ҳангоми такон додан шикаста мешуданд.

Парвардаҳои парваришшудаи диплококкҳо дар пиёбаи гӯштию пептонӣ ва АГП хуб инкишоф ёфта, колонияҳои хурди монанд ба қатраҳои шабнамро ташкил доданд. Дар ПГП якхела бо таҳшинҳо дар АГП, афзоиши хос мушоҳида карда мешуд. Ҳангоми тариқи зарабин тафтиш кардан, патоген бо ғилофа иҳота карда шудааст. Колонияҳо дар ҳарорати хонагӣ ба муддати 24 соат гузошта шуданд. Бактерияҳои бо усули Грам рангшуда ранги гулобӣ доштанд. Натиҷаи таҷрибаҳо дар диаграммаи 5 оварда шудаанд.



Диаграммаи 5.- Шумораи изолятҳои ҷудошудаи стафилококкҳо, стрептококкҳо ва диплококкҳо

Мувофиқи диаграммаи 5, аз 2191 намунаи шири гов 94 изоляти стафилококк (4,28%), 33 изоляти стрептококк (1,50%) ва 22 изоляти диплококк (1,00%) ҷудо карда шуд. Барои тасдиқи натиҷаҳои мусбӣ, омӯзиши 94 парвардаҳои стафилококк дар агари намакдор ва аксуламали коагулятсияи плазма бо ситрат ва плазмаи хуни харгӯш гузаронида шуд. 33 парвардаи стрептококк дар агари гушту пептондор бо 5% эритроситҳои гӯштию пептонӣ ва 16 парвардаи диплококк ба пиёбаи гӯштию пептонӣ ва АГП бо 1% глюкоза ё илова кардани хун такроран кишт карда шуд. Парвардаҳо дар давоми 24-48 соат афзоиши хуб нишон доданд. Натиҷаҳо дар ҷадвали 3 оварда шудаанд.

Ҷадвали 3. – Тасдиқи изолятҳои ҷудошудаи стафилококкҳо, стрептококкҳо ва диплококкҳо бо истифода аз агари намакдор ва аксуламали коагулятсия

Номгӯйи шаҳру ноҳияҳо	Дар агари намакин ва ҳамчунин дар аксуламали плазмокоагулятсия бо плазман ситратдори хуни харгӯш тасвиб шудааст			Дар АГП бо эритроситҳои 5%ЧКШ тасвиб шудааст			Дар ПГП ва АГП бо глюкозаи 1% ё иловаи хуноба ё хун тасвиб шудааст		
				Микроскопияи молишакҳо бо усули Грам рангкардашуда					
	Шумораи намунаҳое, ки дар ПГП ва АГП афзоиши колонияҳо қайд гардидаанд	Стафилакоккҳо	Мутобиқат ташкил дод %	Шумораи намунаҳое, ки дар ПГП ва АГП афзоиши колонияҳо қайд гардидаанд	Стрептакоккҳо	Мутобиқат ташкил дод %	Шумораи намунаҳое, ки дар ПГП ва АГП афзоиши колонияҳо қайд гардидаанд	Диплококкҳо	Мутобиқат ташкил дод %
	Вилояти Хатлон								
н. Фархор	20	20	100	5	5	100	3	3	100
н. Дангара	8	8	100	2	2	100	2	2	100
Ҳамагӣ:	28		100	7		100	5		100
	Вилояти Сугд								
ш. Панҷакент	9	9	100	3	3	100	1	1	100
Ҳамагӣ:	9		100	3		100	1		100
	ШНТҶ								
н. Шаҳринав	29	29	100	10	10	100	6	6	100
ш. Ҳисор	19	19	100	13	13	100	8	8	100
ш. Турсунзода	1	1	100	0	0	100	2	2	100
н. Файзобод	5	5	100	0	0	100	0	0	100
ш. Вахдат	3	3	100	0	0	100	0	0	100
Ҳамагӣ:	57	57	100	23	23	100	16	16	100

Ҳангоми дар агари намакдор кишт карда ва аксуламали коагулятсия бо плазмаи ситратдор аз харгӯш мансубияти изолятҳо тасдиқ карда шуд. Аз намунаҳои амрозии вилояти Хатлон 28 изоляти стафилококкҳо, аз вилояти Суғд 9 ва аз ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 57 изоляти стрептококкҳо, аз вилояти Хатлон 7, аз вилояти Суғд 3 ва аз ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 23 изоляти стрептококкҳо ҷудо карда шудаанд. Диплококкҳо аз вилояти Хатлон 5, аз вилояти Суғд 1 ва аз НТҶ 16 изолят ҷудо карда шуданд.

Аз 149 парвардаҳои санҷидашуда, 94 парвардаи стафилококк, 33 парвардаи стрептококк ва 22 парвардаи диплококк тасдиқ карда шуданд, ки 100% мувофиқат карданд. Барои аниқ кардани хусусияти патогении 94 намунаи мусбии стафилококк дар мушҳои сафед озмоишҳои биологӣ гузаронида шуданд. Парвардаҳо бо маҳлули физиологӣ омехта карда шуданд ва ба дохили сифоқ дар 0,2 мл (0,5 миллион ҳуҷайра) ворид карда шуданд. Ҳайвончаҳои сироятёфта дар давоми 1—3 руз нобуд шуданд. Ҳангоми вояи камтар, некроз дар макони тазриқ, варам, рехтани мӯй ва сурхшавии пӯст мушоҳида карда шуд.

Барои тасдиқи натиҷаҳо хосиятҳои биохимиявии парвардаҳои ҷудошудаи стафилококкҳо, стрептококкҳо ва диплококкҳо омӯхта шуданд. Парвариш дар муҳити ниммоеъ бо глюкоза, сахароза, лактоза, малтоза ва фруктоза гузаронида шуд. Аз 94 парвардаи стафилококкӣ оксидшавии муҳити бидуни газ мушоҳида карда шуд, ки парвардаҳо ҳамчун *Staphylococcus aureus* тасниф карда шуданд. Дар 33 парвардаҳои стрептококк дар глюкоза, сахароза, лактоза ва малтоза, кислотаҳо зиёд шуданд; 24 парвардаҳо ҳамчун *Streptococcus agalactiae* ва 9 изоляти *Lactococcus lactis* муайян карда шуданд. Дар 22 парвардаҳои диплококкҳо дар муҳити дорои карбогидратҳо ферментатсия ба амал наомадааст, ки парвардаҳо ҳамчун *Diplococcus septicus* тасниф карда шуданд.

Таҳлили паҳншавии салмонеллёз ва сирояти коккҳо дар ҳайвонот дар ҶТ

Бемориҳои зиёди сироятии ҳайвонот мавҷуданд, ки аксари онҳо зоонозӣ буда, боиси беморӣ ва фавти одамон мегарданд. Ин бемориҳо дар маҷмӯъ сабабҳои асосии талафоти иқтисодии чорводорӣ мебошанд. Дар байни онҳо салмонеллёз ва сироятҳои кокк дар паст шудани маҳсулнокии ҳайвоноти кишоварзӣ нақши калон мебозанд.

Салмонеллёз ва сироятҳои коккҳо дар натиҷаи паст шудани масъунияти хӯҷаин ва афзоиш дар шуш, ғадудҳои сина ва дигар узвҳо ба вуҷуд меоянд.

Мақсади тадқиқоти мо ташхиси салмонеллёз ва сироятҳои коккӣ дар байни ҳайвоноти кишоварзӣ ва ваҳширо дар бар мегирифт.

Барои муайян кардани сабабҳои беморӣ ва фавти ҳайвонот аз хоҷагии ёрирасони ҳарбии «Душанбе» 217 намуна, аз фермаи чорводории «Литсейи касбӣ»-и ноҳияи Файзобод 49 намуна ва аз Мамнӯъгоҳи «Қуллаҳои Тоҷик» дар ш. Ҳисор 62 намуна ҷамъоварӣ карда шуд. Ин намунаҳо барои ошкор намудани бемории салмонеллёз санҷида шуданд. Дар натиҷаи таҳқиқи бактериологӣ, микроскопӣ ва биологӣ дар 19 намунаи хоҷагии ёрирасони ҳарбии «Душанбе» ба салмонеллёз натиҷаҳои мусбат ошкор шуданд. Илова бар ин, дар 8 намуна бактерияҳои стафилококк ба қайд гирифта шуд ва дар 4 намуна стрептококкҳо муайян карда шуданд.

Инчунин, дар 15 намуна аз фермаи чорводории «Литсейи касбӣ»-и дар ноҳияи Файзобод бактерияҳои салмонелла, дар 11 намуна стафилококк ва дар 9 намуна стрептококк пайдо шуданд. Салмонеллёз асосан дар ҳайвоноти буғуз, бо хуруҷи беморӣ дар фасли зимистон ва баҳор (аз январ то апрел) ба қайд гирифта шуд.

Ҷадвали 4. - Натиҷаҳои таҳқиқи бактериологии намунаҳои маводи амрозӣ

Номгӯйи хоҷагиҳо	Шумораи намуна	Шумораи намунаҳои мусбат					
		Salmonella spp	%	*Staphylococcus spp*	%	*Streptacoccus spp*	%
Хоҷагии ёрирасони «Душанбе»	**217**	**19**	**8,8**	**8**	**3,7**	**4**	**1,8**
Хоҷагии «Литсеи касбӣ» н. Файзобод	**49**	**15**	**30,6**	**11**	**22,5**	**9**	**18,4**
Мамнӯъгоҳи «Қуллаҳои Тоҷик» дар ш. Ҳисор	**62**	**-**	**-**	**-**	**-**	**-**	**-**
Шумораи умумии намунаҳо	**328**	**34**	**10,4**	**19**	**5,8**	**13**	**3,10**

Аз 328 намунаи маводи амрозӣ дар 34 намуна *Salmonella spp* (10,4%), дар 19 намуна *Staphylococcus spp* (5,8%) ва дар 13 ҳолат *Streptococcus spp* (3,10%) ошкор карда шуданд.

Бо мақсади пешгирии бемориҳо дар мамнуъгоҳ дар байни ҳайвоноти ваҳшӣ пеш аз ҳама шароити хуби нигоҳубин муҳайё кардан зарур аст. Аз сабаби он, ки ин ҳайвонот дар минтақаи ба салмонеллёз номусоид нигоҳ дошта мешаванд, сари вақт эмкунӣ, сироятзудоии биноҳо ва иншоот, бо хӯроки серғизо таъмин кардан ҳайвоноти ваҳшӣ муҳим мебошад.


Инчунин пешгирии тамоси ҳайвоноти ваҳшӣ бо ҳайвоноти хонагӣ ва назорати мунтазами сироятҳои бактериявӣ дар байни ҳайвоноти ваҳшӣ зарур аст. Шарти муҳими фароҳам овардани шароити мусоиди эпизоотӣ дар ҳудуди мамнуъгоҳҳо карантин (муваққатан ҷудо нигоҳ доштан) кардани ҳайвоноти нав овардашуда ва эмкунӣ мебошад.

Омӯзиши ҳассосияти изолятҳои ҷудошудаи салмонеллаҳо, стафилококкҳо, стрептококкҳо, диплококкҳо ба маводи зиддимикробӣ

